# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ доир ба фаъолияти меҳнатии унвонҷӯй Усмонова Нигина Солиҳовна ва пешниҳоди диссертатсия дар мавзӯи «Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (phD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060700 физиология ва биохимияи растаниҳо**

Усмонова Нигина Солиҳовна, шӯъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2004 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар кафедраи физиологияи растаниҳо ба ҳайси корманди калони техникӣ ва аз моҳи сентябри 2015 дар кафедраи мазкур ба ҳайси ассистенти кафедра кор ва фаъолият намудааст ва аз моҳи сентябри соли 2019 то моҳи сентябри соли 2022 ба муддати се сол дар шӯъбаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Дар давраи таҳсили солҳои (2019–2022) дар саҳро ва лаборатория роҳу методҳои гузаронидани таҳқиқотҳоро аз худ намудааст ва бо корҳои илмии шинос мебошад. Усмонова Нигина Солиҳовна дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маҳорату малакаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Дар асосои таҳлили диссертатсия, автореферат ва корҳои таҳқиқотӣ интишории Усмонова Нигина тақризи расмиро чунин пешниҳод менамоям:

Соя – пурарзиштарин растании серсафедаи равғандиҳанда мебошад. Аҳамияти муҳими ин зироат аз миқдори зиёд ва сифати баланди сафедаи таркиби дони он (40-45%) вобаста мебошад. Сафедаи таркиби дони соя дорои ҳамаи аминокислотҳои ивазнашаванда ва зуд ҳазмшаванда мебошад, ғайр аз ин дар таркиби дони соя 20-25% равған мавҷуд аст, ки дорои хусусияти хос ва кислотаи равғании баландсифат буда, ҳамчунин дорои миқдори зиёди моддаҳои маъданӣ ва витаминҳо мебошад. Дар истеҳсолоти ҷаҳон равғани растании соя дар байни дигар зироатҳои равғандиҳанда дар ҷойи аввал буда, аз рӯйи истеҳсоли сафеда низ дар байни зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёдонагӣ зироати соя дар мақоми аввал меистад. Мавзӯи интихоб шуда аҳамияти илмию амали дошта дар таъмини амнияти ғизоии кишвар накши муҳимро мебозад. Диссертатсияи Усмонова Нигина Солиҳовна аҳамияти муҳими назариявӣ ва истеҳсоли дошта дар рушди соҳаи кишоварзии кишварамон саҳми арзанда дорад.

Дар давоми солҳои 2019–2022 Усмонова Нигина Солиҳовна таъсири танзимкунандагони рушд ба навъи растании соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар натиҷаи иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ Усмонова Нигина Солиҳовна бори аввал дар шароити водии Ҳисор таъсири танзимкунандагони рушди растани ба ҷараёнҳои

физиологӣ кимёви ва таасури адаптатсияи зироати соя равона карда шудааст. Дар шароити иқлими водии Ҳисор таъсири танзимкунандагони рушд ба сабзишу инкишоф ва ташаккулёбии маҳсулнокии соя таҳқиқот гузаронида нашудааст ва ин мавод навгонии илмӣ дошта дар ҳалли масъалаи таъминоти ғизоӣ кишвар саҳми босазо мегузорад.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар маводҳои илмии нашрнамудаи муаллиф инъикос гардидаанд. Ногуфта намонад, ки диссертатсия бо забони тоҷикӣ омода гардида, баҳри пешравии илми физиология ва биохимия ҳиссагузор аст. Муаллиф аз ӯҳдаи навиштани диссертатсия ва мақсади гузошта ба хубӣ баромадааст. Ғайр аз ин қайд кардан ба маврид аст, ки дар давоми фаъолияти илмӣ ӯ боз ба корҳои педагогӣ низ машғул мебошад.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки Усмонова Нигина Солиҳовна, яке аз ассистентони пешқадами кафедраи физиологияи растаниҳои факултети биологияи ДМТ буда ва мавзӯи кори диссертатсионии ӯ «Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмии ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя дар шароити водии Ҳисор» арзандаи баҳои баланд буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D060718 - физиология ва биохимияи растанӣ сазовор мебошад ва барои ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи физиологияи растаниҳо Эргашев А.

Имзои А.Эргашевро тасдиқ
мекунам: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

17.05.2024